# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 26 июни соли 2023 № 295

**ш. Душанбе**

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар ном, банди 1 ва замимаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», калимаҳои «ШӮРО», «Шӯро», «Шӯрои», «шӯрои», «Шӯроро» ва «шӯроҳои» мувофиқан ба калимаҳои «ШУРО», «Шуро», «Шурои», «шурои», «Шуроро» ва «шуроҳои» иваз карда шаванд.

2. Ба Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) банди 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (минбаъд – Низомнома) тартиби ташкил ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ (минбаъд – Шуро)-и назди муассисаҳои давлатии илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (минбаъд – Муассиса) оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат, гузаронидани маҷлисҳои Шуро, қоидаҳои қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя ва экспертизаи аввалия, экспертизаи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, ҳимояи ошкорои диссертатсияҳо, маҳрум ва барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ ва инчунин таъминоти моддию техникӣ ва назорати фаъолияти Шуроро муқаррар менамояд.»;

2) банди 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«7. Агар дар давоми сол се қарори Шуро оид ба додани дараҷаи илмӣ бинобар риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа бекор карда шавад, фаъолияти Шуро боздошт ва ё қатъ карда мешавад. Дар мавриди боздоштани фаъолияти Шуро, такроран ба фаъолият шуруъ кардани он бо бозбинии ҳайат сурат мегирад.»;

3) ба банди 8 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар ҳангоми баррасии парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия содиршавии рафтори ношоями илмӣ ошкор гардад, Комиссия метавонад бо ҳуҷҷатҳои аввалияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ шинос шавад.»;

4) ҷумлаи якуми банди 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Муассиса уҳдадор аст матни пурраи диссертатсия, автореферати он ва маводи иттилоотиро тибқи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ дар сомонаи расмии худ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии интернет (минбаъд – сомонаи Муассиса) ҷойгир карда, сабти аудиоӣ ва видеоии маҷлисҳои Шуроро ба роҳ монад.»;

5) бандҳои 20 ва 21 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«20. Ба ҳайати Шуро докторони илм, докторони ҳабилитат ва ба таври истисно номзадони илм ё докторони фалсафа (PhD)-докторон аз рӯйи ихтисосе дохил шуда метавонанд, ки дар муддати 5 соли охир аз рӯйи ихтисоси соҳаи илми дархостшаванда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа тибқи Феҳристи Комиссия на кам аз 3 мақолаи илмӣ дошта бошанд. Мутобиқати аъзои Шуро ба ихтисосҳои дархостшуда бо дипломи дараҷаи илмӣ ва (ё) бо интишороти илмии онҳо тасдиқ карда мешавад.

21. Шумораи ҳайати Шуро аз 9 то 16 нафарро ташкил медиҳад. Шуро дар ҳайати 9 нафар аз рӯйи як ихтисос, дар ҳайати 11 нафар аз рӯйи ду ихтисос ва дар ҳайати 16 нафар аз рӯйи се ихтисос ташкил карда мешавад. Ҳайати Шуро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат ё доктори илм аз рӯйи як ихтисос дар ҳайати 8 доктори илм ва 1 номзади илм, аз рӯйи ду ихтисос 10 доктори илм ва 1 номзади илм ва аз рӯйи се ихтисос 15 доктори илм ва 1 номзади илм (котиби илмии Шуро) иборат аст. Ба ҳайати Шуро мутахассисон аз муассисаҳои дигари илмӣ ва таълимӣ дохил карда мешаванд, ки шумораи онҳо бояд на зиёда аз нисфи ҳайати умумии Шуро бошад. Узвият дар Шуро дар асосҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад.»;

6) аз банди 22 калимаҳои «, ки унвони илмии дотсентӣ доранд,» хориҷ карда шаванд;

7) бандҳои 23 ва 24 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«23. Раиси Шуро бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда ва бо дастовардҳои илмии худ маъруф бошад (барои ихтисосҳои нодир доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишороти илмӣ метавонад раиси Шуро таин шавад).

24. Муовини раиси Шуро бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда бошад (барои ихтисосҳои нодир доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишороти илмӣ метавонад муовини раиси Шуро таъин шавад).»;

8) банди 29 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«29. Талабот ба ҳайати Шуро барои ихтисосҳои нодир (тибқи Феҳристи ихтисосҳо):

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат на кам аз 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат (2 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ва 3 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишорот);

- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмӣ (1 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ва 4 номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи интишорот).»;

9) дар банди 32:

- ҷумлаи якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Доктори илм, доктори ҳабилитат, номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дар як Шуро танҳо як ихтисосро намояндагӣ мекунад.»;

- дар ҷумлаи сеюм рақами «1» ба рақами «2» иваз карда шавад;

10) ба банди 34 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар узви Шуро бе сабабҳои узрнок дар 3 ҷаласаи Шуро иштирок накунад, аз ҳайати Шуро хориҷ карда мешавад.»;

11) банди 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«37. Дар мавриди ташкили ҳимояи якдафъаина ба ҳайати шурои амалкунанда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 мутахассиси соҳа аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ворид карда мешаванд (2 доктори илм ё доктори ҳабилитат ва 3 номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос). Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва ё доктори ҳабилитат номзадони илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос аз ҳайати Шуро, ки барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина ташкил мешавад, баровarда шуда, ба ҳайати шурои амалкунанда аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда на кам аз 5 доктори илм ё доктори ҳабилитат ворид карда мешаванд.»;

12) банди 38 хориҷ карда шавад;

13) дар банди 41 рақами «6» ба рақами «3» иваз карда шавад;

14) ба банди 42 ҷумлаҳои шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Узви Шурои аз хориҷа даъватшуда, ки дар маҷлиси Шуро бо тариқи ҳузурӣ имконияти иштирок карданро надорад, метавонад ба таври маҷозӣ (онлайн) иштирок кунад. Дар ҳолати истисно бо сабабҳои узрнок (беморӣ, сафари хизматӣ ва дигар сабабҳо) то се узви Шуро метавонанд ба таври маҷозӣ дар маҷлис иштирок намоянд.»;

15) дар банди 44:

- ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин ифода карда шавад:

«Агар раиси Шуро ё муовини ӯ роҳбар (мушовир)-и илмӣ ва ё хешованди наздики довталаби дараҷаи илмӣ бошад, ҳуқуқи роҳбарии маҷлисро надорад.»;

- ҷумлаи панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар сурати бо сабабҳои узрнок зиёда аз як моҳ иштирок накардани раис ва муовини ӯ дар кори Шуро, баъд аз гирифтани иҷозати Комиссия вазифаи раисикунанда ба уҳдаи яке аз аъзои ботаҷрибаи Шуро вогузор мегардад.»;

16) ба банди 63 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳуҷҷатҳои зерин, ки дар раванди баррасии диссертатсия дар Шуро қабул мегарданд, дар сомонаи Муассиса ҷойгир карда мешаванд:

- тақризи роҳбар (мушовир)-и илмӣ;

- маълумотнома дар бораи роҳбар (мушовир)-и илмӣ;

- хулосаи натиҷаҳои ташхиси муқаддамотии диссертатсия дар муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст;

- протоколи шурои диссертатсионӣ дар бораи таъин намудани комиссияи экспертӣ;

- хулосаи комиссияи экспертӣ;

- протоколи шурои диссертатсионӣ дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсия;

- маълумотнома дар бораи муқарризони расмӣ;

- маълумотнома дар бораи муассисаи пешбар;

- тақризҳои муқарризони расмӣ;

- тақризи муассисаи пешбар;

- тақризҳо ба автореферат (агар бошанд);

- протоколи ҷаласаи шурои диссератсионӣ;

- хулосаи шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.»;

17) дар ҷумлаи якуми банди 65 пас аз калимаи «мешавад» калима ва рақами «(замимаи 9)» илова карда шавад;

18) сархати якуми банди 74 хориҷ карда шавад;

19) ба банди 76 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар ҷаласаи Шуро дар санаи муқарраршуда бинобар набудани кворум, иштирок накардани муқарризони расмӣ ё пешниҳод

нагардидани тақризи муассисаи пешбар баргузор нагардад, Шуро бо огоҳ намудани Комиссия санаи нави ҳимояро таъин менамояд.»;

20) ба банди 106 ҷумлаҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ ҳузури довталаб ва шахсони ғайр қатъиян манъ аст. Раванди овоздиҳии ҳар як узви Шуро бояд пурра дар сабти видеоӣ нишон дода шавад.»;

21) дар банди 112 рақам ва калимаи «6 моҳ» ба рақам ва калимаи «1 сол» иваз карда шаванд;

22) номи замимаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Хулосаи шурои диссертатсионии ______________ назди _______
(рамз)
____________________________________________________________
(номи пурраи муассиса (таҳсилотӣ ё илмӣ))
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади (доктори) илм»;

23) замимаи 9 илова карда шавад (замима мегардад).

3. Ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) ба банди 3 пас аз калимаи «аспирантура» калимаи «(адъюнктура)» илова карда шавад;

2) аз банди 10 калимаҳои «бо тавсияи маҷлиси зерсохтори муассиса, ки дар он диссертатсия омода мегардад,» хориҷ карда шуда, ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Тағйиру иловаҳо ба мавзуъ ва ивази роҳбари илмӣ ба зиммаи шурои олимони муассиса вогузор мегардад.»;

3) дар банди 15 калимаи «дастурамали» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд;

4) банди 18 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«18. Мавзуи кори илмии довталаб дар доираи ихтисос, самт ва илмҳои ҳамҷавор тасдиқ карда мешавад. Агар ихтисоси бунёдии довталаб равияи илмҳои ҷамъиятию гуманитариро дар бар гирад, он гоҳ ҳимоя намудан дар самти илмҳои дақиқ, техникӣ, табиӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, байторӣ ва биологӣ иҷозат дода намешавад. Агар довталаб ихтисоси бунёдии самти илмҳои техникӣ, табиӣ ва дақиқ дошта бошад, наметавонад дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, ба истиснои илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърихи илм ва методикаи таълим диссертатсия ҳимоя намояд.»;

5) банди 21[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«21[1]. Барои довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсия таҳия ва ҳимояи диссертатсия дар доираи ихтисоси таҳсил дар магистратура ва докторантура ба роҳ монда мешавад.»;

6) ба банди 25 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- пас аз ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм 3 сол сипарӣ шуда бошад;»;

7) ба банди 26 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- пас аз ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос 3 сол сипарӣ шуда бошад;»;

8) бандҳои 28 ва 29 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«28. Роҳбар ё мушовири илмӣ бояд мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад. Ба таври истисно, мутахассиси дорои дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос низ метавонад роҳбар (ё роҳбари дуюм)-и илмии довталаби дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бошад, агар ӯ дар соҳаи дахлдори илм собиқаи на кам аз 5-солаи илмӣ, илмию омӯзгорӣ ё илмию техникӣ дошта бошад.

29. Роҳбар ё мушовири илмӣ наметавонад дар давоми як сол зиёда аз 5 довталаби дараҷаи илмиро ба ҳимоя пешниҳод намояд.»;

9) ба банди 30 пас аз калимаи «гуногун» калимаҳои «аз рӯйи як ихтисос» илова карда шуда, калимаҳои «, довталаб дар ҳаммуаллифӣ бо ҳарду роҳбар (мушовир) дар маҷаллаҳои тақризшаванда мақолаҳои илмӣ дошта» ва ҷумлаи дуюм хориҷ карда шаванд;

10) сархатҳои якум ва дуюми банди 35 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дар соҳаи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ – 3 мақола (2 мақола дар алоҳидагӣ), на камтар аз 2 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва (ё) байналмилалӣ, дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ – 2 мақола ва на кам аз 2 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва (ё) байналмилалӣ;

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат – дар соҳаи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ – 15 мақола (на камтар аз 5 мақола дар алоҳидагӣ) ва на камтар аз 5 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ, дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ – 10 мақола ва на кам аз 5 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ.»;

11) бандҳои 37 ва 38 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«37. Диссертатсия дар Комиссия тибқи дастурамал оид ба санҷиши диссертатсия аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» санҷида мешавад. Асолати диссертатсия аз рӯйи барномаи мазкур бояд аз 75

дарсад (барои илмҳои физикаю математика ва химия – 70 дарсад) ва автореферати диссертатсия аз 80 дарсад (барои илмҳои табиӣ-математика ва техникӣ – 75 дарсад) кам набошад. Диссертатсияҳое, ки ба талаботи зикргардида ҷавобгӯ нестанд, дар асоси хулосаи эксперти холис ба ҳимояи такрорӣ баргардонида мешаванд. Ҳимояи такрории онҳо пас аз 1 соли қабули фармоиш ба роҳ монда мешавад.

38. Экспертизаи диссертатсия дар маҷлиси воҳидҳои сохтории муассиса (кафедра, шуъба, бахш, озмоишгоҳ)-ҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ё илмию таҳқиқотие, ки диссертатсия бевосита дар он ҷо иҷро шудааст, бо иштироки мутахассисон аз Муассисае, ки дар он Шуро амал мекунад, гузаронида мешавад.»;

12) аз банди 39 калимаҳои «давраи якуми» ва «ва бартарафсозии камбудиҳои ошкоршуда» хориҷ карда шаванд;

13) ба банди 40 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи натиҷаи имтиҳоноти тахассусӣ;»;

14) дар сархати панҷуми банди 41 калимаҳои «экспертизаи марҳилаи навбатӣ» ба калимаи «ҳимоя» иваз карда шаванд;

15) банди 44 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«44. Дар сурати манфӣ арзёбӣ гаштани диссертатсия, ба довталаб нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси воҳидҳои сохтории Муассиса дар бораи камбудиҳои ошкоргашта бо эродҳои гирифташуда дода мешавад ва мӯҳлати коркарди минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳоди такрории он муайян карда мешавад.»;

16) бандҳои 45, 46, 47, 48, 49 ва 50 хориҷ карда шаванд;

17) банди 51 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«51. Дар хулосаи маҷлис, ки бо тарафдории аксари иштирокдорони он қабул мешавад, бояд тамоми ҷузъиёти банди 42 Тартиби мазкур ба инобат гирифта шавад. Хулосаи маҷлис тибқи муқаррарот аз номи Муассиса бо имзои раисикунанда, котиби маҷлис ба расмият дароварда шуда, аз ҷониби ректор (директор) ё муовини ӯ оид ба илм бо имзо, муҳри Муассиса ва санаи рӯз тасдиқ карда мешавад.»;

18) ба банди 52 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Хулосаи Муассиса то 2 сол эътибор дорад.»;

19) банди 55 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«55. Дар мавриди баргузор намудани ҳимояи диссертатсия ба забоне, ки онро аъзои Шуро ва ё муқарризони расмӣ намедонанд, Муассиса ӯҳдадор аст тарҷумаи ҳамзамонии ҷаласаи Шуроро вобаста ба ҳимояи диссертатсия таъмин кунад.»;

20) дар банди 60 рақамҳои «15» ва «25» мувофиқан ба рақамҳои «25» ва «30» иваз карда шаванд;

21) ҷумлаи якуми банди 69 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ихтисоси муқарризони расмӣ бояд ба ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда наздик бошад ва ё онҳо аз рӯйи ихтисоси мазкур бояд на кам аз 3 интишороти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда дошта бошанд.» ва дар ҷумлаи дуюм баъди калимаи «намояд» калимаҳои «(ба истиснои ихтисосҳои нодир)» илова карда шавад.»;

22) ба банди 70 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- узви комиссияи экспертии аввалияи диссертатсия дар Шуро;»;

23) ба банди 74 пас аз калимаи «маъруфанд» калимаҳои «(дар 5 соли охир на кам аз 10 интишороти илмӣ, аз он 5 мақолаи тақризшаванда дошта бошанд)» илова карда шаванд;

24) дар банди 91 калимаҳои «реҷаи интерактивӣ (on-line)» ва «дар реҷаи on-line» ба калимаҳои «тариқи маҷозӣ» иваз карда шаванд;

25) банди 92 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«92. Дар мавриди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дар маҷлиси Шуро иштироки 3 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия ва дар муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия ба музокира баромадани ақаллан 2 нафари онҳо, дар мавриди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат бошад, дар маҷлиси Шӯро иштироки 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия ва дар муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия ба музокира баромадани 2 нафари онҳо ҳатмӣ мебошад.»;

26) дар банди 93 пас аз калимаи «пинҳонӣ» калимаҳои «(аъзои шуро, ки тариқи маҷозӣ иштирок доранд, ба тарзи овоздиҳии кушода овоз медиҳанд)» илова карда шаванд;

27) дар банди 101 рақам ва калимаи «1 соли» ба рақам ва калимаи «6 моҳи» иваз карда шаванд;

28) ба банди 106 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Дар мавриди зарурат ба диссертатсия ва автореферати он ғалатнома замима карда мешавад.»;

29) ба банди 108 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳимояи такрории диссертатсия пас аз 3 моҳ иҷозат дода мешавад.»;

30) дар банди 117 рақам ва калимаи «1 соли» ба рақам ва калимаи «6 моҳи» иваз карда шуда, ҷумлаи чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳимояи такрории диссертатсияи довталабе, ки се маротиба пай дар пай аз рӯйи мазмун ва муҳтаво рад шудааст, дар мавзуи мазкур мумкин нест.»;

4. Ба Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) аз банди 9 калимаҳои «директор ё муовини директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ,» хориҷ карда шаванд;

2) дар банди 10:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- на камтар аз 3 сол доштани собиқаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ баъди ҳимояи диссертатсияи номзадӣ, аз ҷумла собиқаи бефосилаи кор ба муддати на кам 1 сол дар вазифаҳои дар банди 9 Тартиби мазкур пешбинишуда аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшаванда;»;

- дар сархати сеюм пас аз калимаи «банашррасида» калимаҳои «аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда» илова карда шаванд;

- ба сархати чорум пас аз калимаи «методӣ» калимаҳои «ҳар яке на кам аз 2,5 ҷузъи чопӣ» илова карда шуда, калимаҳои «бо баҳисобгирии монографияи илмии чопшуда» хориҷ карда шаванд;

3) банди 13 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«13. Унвони илмии профессор ба кормандони муассисаҳое дода мешавад, ки дар вазифаҳои президенти академияи илмҳо (миллӣ, соҳавӣ) ё ноиби ӯ, саркотиби илмӣ, ректор ё муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, директор ё муовини директори муассисаи илмӣ, директор ё муовини директори филиали муассиса (пажӯҳишгоҳи илмӣ ё таълимию илмӣ), ректор (сардор) ё муовини ректор (муовини сардор)-и донишкада, декани факултет, мудири кафедра, сардори шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавию конструкторӣ, котиби илмии муассиса, профессор, сарходими илмӣ ё ҳамин гуна вазифаҳои ба онҳо баробаркардашудаи дар феҳристи вазифаҳои мақомоти ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ пешбинигардида, фаъолият менамоянд, агар довталаб ба ғайр аз мувофиқат намудан ба талаботи сархати якуми банди 8 Тартиби мазкур, инчунин дорандаи дипломи дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат бошад ё ҳамин гуна дараҷаҳои илмиро дар хориҷи мамлакат дарёфт намуда бошад, ки аз тарафи Комиссия баробарарзиш дониста шудааст.»;

4) дар банди 14:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- баъди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат доштани на кам аз 3 сол собиқаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ, аз ҷумла на кам аз 2 сол аз рӯйи самти илмии дархостшаванда;»;

- сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- доштани собиқаи бефосилаи кор ба муддати на кам аз 3 сол дар вазифаҳои дар банди 13 Тартиби мазкур пешбинишуда;»;

- дар сархати чорум пас аз калимаи «банашррасида» калимаҳои «аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда» илова карда шаванд;

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар зарфи 5 соли охир доштани на камтар аз 3 дастури таълимию методӣ (ҳар яке на кам аз 2,5 ҷузъи чопӣ ва 1 дастур дар алоҳидагӣ), 5 мақолаи илмии дар солҳои гуногун банашррасида ва 1 китоби дарсӣ аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшуда.»;

5) дар банди 17 калимаҳои «миёнаи касбӣ,» хориҷ карда шаванд;

6) дар банди 20:

- дар сархатҳои якум ва дуюм калимаи «ихтисоси» ба калимаи «самти» иваз карда шавад;

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар зарфи 5 соли охир доштани на кам аз 1 дастури таълимию методӣ ва 1 мақолаи тақризшаванда (бо баҳисобгирии маҷмуаи корҳои эҷодии дар раванди таълим истифодашаванда, аз қабили мусиқӣ ва сурудҳои ба нота дигар асарҳои гуногунжанри мусиқии касбӣ, матни намоишномаҳои басаҳнагузошташуда, фотоалбоми мусаввараҳо, ҳунарҳои наққошӣ, ороишӣ, сӯзанӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ, оҳану мискорӣ, усулҳои иҷрои бозиҳои миллии варзишӣ ва намудҳои дигари асарҳои ҳунармандӣ ва варзишӣ) аз рӯйи самти илмии дархостшуда;»;

7) дар банди 23:

- дар сархати чорум калимаи «ихтисоси» ба калимаи «самти» иваз карда шавад;

- сархати ҳафтум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар шакли нота ва дигар намудҳои санъати касбӣ ё намудҳои дигар санъати халқии касбӣ пешниҳод намудани асарҳо;»;

8) ҷумлаи дуюми банди 39 хориҷ карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 26» июни соли 2023, №295

Замимаи 9
ба Низомномаи
шурои диссертатсионӣ

**РӮЙХАТИ**
**суроғаҳое, ки автореферати диссертатсияро равон кардан ҳатмӣ аст***

1. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 80)
2. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, 39)
3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 13 а)
4. Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон, 5)
5. Китобхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи Индира Гандӣ (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)
6. Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)
7. Палатаи китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17)
8. Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 14 а)
9. Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббӣ (шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, 41)
10. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45)
11. Раёсати Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21 а)

---

*Эзоҳ: Ба китобхонаҳое, ки дар бандҳои 9, 10 ва 11 рӯйхат оварда шудаанд, аз рӯйи ихтисоси диссертатсия равон карда мешавад.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 26 июня 2023 года № 295
**г. Душанбе**

О внесении изменений и дополнений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Внести в Положение о диссертационном совете, утверждённое постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267 «О Положении о диссертационном совете, Порядке присуждения ученых степеней, Порядке присвоения ученых званий и Порядке государственной регистрации защищённых диссертаций» следующие изменения и дополнения:

1) пункт 1 изложить в следующей редакции:

«1. Положение о диссертационном совете (далее – Положение) устанавливает порядок создания и деятельности диссертационных советов (далее – Совет) при государственных научных учреждений, учреждений высшего и послевузовского профессионального образования (далее – Учреждение) на соискание ученой степени кандидата наук, доктора философии (PhD)-доктора по специальности, доктора наук и доктора хабилитат, проведения заседаний Совета, правила принятия диссертаций к защите и проведения их первичной экспертизы, экспертизы официальных оппонентов и ведущей организации, публичная защита диссертаций, лишения и восстановления ученых степеней, а также материально-технического обеспечения и контроля за деятельностью Совета.»;

2) пункт 7 изложить в следующей редакции:

«7. Если в течение года три решения Совета о присуждении учёной степени будет отменено в связи с несоблюдением требований отраслевых нормативных правовых актов, деятельность Совета будет приостановлена

или прекращена. В случае приостановления деятельности Совета, повторное возобновление его деятельности будет осуществлена с пересмотром состава.»;

3) пункт 8 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Если при рассмотрении аттестационного дела и диссертации будут выявлены случаи совершения научного проступка, Комиссия может ознакомиться с первичными документами соискателя ученой степени.»;

4) первое предложение пункта 10 изложить в следующей редакции:

«Учреждение обязано разместить полный текст диссертации, его автореферата и информационный материал в соответствии с Порядком присуждения ученых степеней на своем официальном сайте в информационно-телекоммуникационной сети интернет (далее – сайт Учреждения), вести аудио- и видеозаписи заседаний Совета.»;

5) пункты 20 и 21 изложить в следующей редакции:

«20. В состав Совета могут быть включены доктора наук, доктора хабилитат и в порядке исключения кандидаты наук или доктора философии (PhD)-доктора по специальности, которые в течении последних 5 лет имеют не менее 3 научных статей по специальности запрашиваемой научной области в рецензируемых журналах Республики Таджикистан и за рубежом согласно Реестру Комиссии. Соответствие членов Совета запрашиваемым специальностям подтверждается дипломом об ученой степени и (или) их научными публикациями.

21. Количество членов Совета составляет от 9 до 16 человек. Совет создаётся в составе 9 человек по одной специальности, 11 человек по двум специальностям и 16 человек по трем специальностям. Состав Совета на соискание учёной степени доктора хабилитат или доктора наук по одной специальности состоит из 8 докторов наук и 1 кандидата наук, по двум специальностям из 10 докторов наук и 1 кандидата наук и по трем специальностям из 15 докторов наук и 1 кандидата наук (ученый секретарь Совета). В состав Совета должны входить специалисты других научных и образовательных учреждений, количество которых не должно превышать половины общего состава Совета. Членство в Совете осуществляется на основе общественной деятельности»;

6) из пункта 22 исключить слова «, имеющих учёное звание доцента»;

7) пункты 23 и 24 изложить в следующей редакции:

«23. Председатель Совета должен быть доктором наук или доктором хабилитат по одной из запрашиваемых специальностей и известным своими научными достижениями (в редких специальностях доктор наук или доктор хабилитат может быть назначен Председателем Совета по публикациям).

24. Заместитель председателя Совета должен быть доктором наук или доктором хабилитат по одной из запрашиваемых специальностей (в редких специальностях доктор наук или доктор хабилитат может быть назначен заместителем председателя Совета по публикациям)».

8) пункт 29 изложить в следующей редакции:

«29. Требования к составу Совета для редких специальностей (в соответствии с Реестром специальностей):

- на соискание ученой степени доктора наук или доктора хабилитат не менее 5 специалистов с учёной степенью доктора наук или доктора хабилитат (2 доктора наук или доктора хабилитат в соответствии с заявленной специальностью и 3 доктора наук или доктора хабилитат по публикациям);

- на соискание ученой степени кандидата наук или доктора философии (PhD)-доктора по специальности не менее 5 специалистов, имеющих научную степень (1 доктор наук или доктор хабилитат в соответствии с заявленной специальностью и 4 кандидата наук или доктора философии (PhD)-доктора по специальности по публикациям).»;

9) в пункте 32:

- первое предложение изложить в следующей редакции:

«Доктор наук, доктор хабилитат, кандидат наук или доктор философии (PhD)-доктор по специальности представляет в одном Совете только одну специальность»;

- в третьем предложении цифру «1» заменить цифрой «2»;

10) пункт 34 дополнить третьим предложением следующего содержания: «Если член Совета без уважительных причин не участвует в 3 заседаниях Совета, исключается из состава Совета.»;

11) пункт 37 изложить в следующей редакции:

«37. В случае организации разовой защиты на соискание ученой степени кандидата наук или доктора философии (PhD) - доктора по специальности в состав действующего Совета включаются не менее 5 специалистов отрасли по запрашиваемой специальности (2 доктора наук или доктора хабилитат и 3 кандидата наук или доктора философии (PhD) - доктора по специальности). Для соискания ученой степени доктора наук или доктора хабилитат при проведении разовой защиты из состава Совета исключаются кандидаты наук и доктора философии (PhD) - доктора по специальности и в состав действующего Совета по запрашиваемой специальности включаются не менее 5 докторов наук или докторов хабилитат.»;

12) пункт 38 исключить;

13) в пункте 41 цифру «6» заменить цифрой «3»;

14) пункт 42 дополнить шестым и седьмым предложением следующего содержания:

«Член Совета, приглашённый из зарубежа, не имеющий возможности лично участвовать, может участвовать онлайн на заседании Совета. В исключительном случае по уважительным причинам (болезнь, командировка и другие причины) до трёх членов Совета могут участвовать в заседании онлайн.»;

15) в пункте 44:

- третье предложение изложить в следующей редакции:

«Если председатель Совета или его заместитель являются научным руководителем (консультантом) или близким родственником соискателя учёной степени, не имеют право руководить заседанием Совета.»;

- пятое предложение изложить в следующей редакции:

«В случае отсутствия председателя и его заместителя в работе Совета по уважительным причинам более чем на один месяц, после получения разрешения Комиссии, должность председательствующего возлагается на одного из опытных членов Совета.»;

16) пункт 63 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Следующие документы, принятые в процессе рассмотрения диссертации в Совете, размещаются на сайте учреждения:

- отзыв научного руководителя (консультанта);
- сведения о научном руководителе (консультанте);
- заключение предварительной экспертизы диссертации в учреждении по месту выполнения диссертации;
- протокол диссертационного совета о назначении экспертной комиссии;
- заключение экспертной комиссии;
- решение диссертационного совета о допуске диссертации к защите;
- сведения об официальных оппонентах;
- сведения о ведущей организаций;
- отзывы официальных оппонентов;
- отзыв ведущей организации;
- отзывы на автореферат (если имеются);
- протокол заседания диссертационного совета;
- заключение диссертационного совета о присуждении соискателю ученой степени»;

17) первое предложение пункта 65 после слова «защиты» дополнить словом и цифрой «(приложение 9)»;

18) первый абзац пункта 74 исключить;

19) пункт 76 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Если заседания Совета не проводятся в указанной дате в связи с отсутствием кворума, неучастием официальных оппонентов или непредоставлением отзыва ведущей организации, Совет определяет новую дату защиты с оповещением Комиссии.»;

20) пункт 106 дополнить вторым и третьим предложением следующего содержания:

«При тайном голосовании присутствие соискателя и иных лиц категорически запрещается. Процесс голосования каждого члена Совета должно быть полностью показано на видеозаписи»;

21) в пункте 112 цифру и слово «6 месяцев» заменить цифрой и словом «1 год»;

22) название приложения 4 изложить в следующей редакции:

«Заключение диссертационного совета ____________ при________
(шифр)

________________________________________________________
(полное название организации, ведомственная принадлежность)

по диссертации на соискание ученой степени доктора философии(PhD)-доктора по специальности, кандидата (доктора) наук»;

23) Дополнить 9 приложением (прилагается).

2. Внести в Порядок присуждения учёных степеней, утверждённый постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267 «О Положении о диссертационном совете, Порядке присуждения ученых степеней, Порядке присвоения ученых званий и Порядке государственной регистрации защищённых диссертаций» следующие изменения и дополнения:

1) пункт 3 после слова «аспирантура» дополнить словом «(адъюнктура)»;

2) из пункта 10 слова «по рекомендации заседания структурного подразделения учреждения, в котором готовится диссертация» исключить и дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Внесение изменений и дополнений в тему и замену научного руководителя возложить на ученый совет учреждения.»;

3) в пункте 15 слова «соответствующей инструкции» заменить словами «нормативным правовым актам.»;

4) пункт 18 изложить в следующей редакции:

«18. Тема научной работы соискателя утверждается в пределах специальности, направления и смежных наук. Если базовой специальностью соискателя является направление общественно-гуманитарных наук, то защита диссертации по направлению точных, технических, естественных, медицинских, сельскохозяйственных, ветеринарных и биологических наук не допускается. Если соискатель имеет базовую специальность в области естественных и технических наук, он не может защитить диссертацию в области социальных, гуманитарных наук, кроме философии, политологии, истории науки и методики преподавания.»;

5) дополнить пунктом $21^1$ следующего содержания:

«$21^1$. Для соискателей ученой степени доктора философии (PhD)-доктора по специальности, подготовка и защита диссертации разрешается в рамках специальности обучения в магистратуре и докторантуре.»;

6) пункт 25 дополнить четвёртым абзацем следующего содержания:

«- после защиты диссертации на соискание учёной степени кандидата наук должно пройти 3 года.»;

7) пункт 26 дополнить четвёртым абзацем следующего содержания:

«- после защиты диссертации на соискание учёной степени доктора философии (PhD)-доктора по специальности должно пройти 3 года.»;

8) пункты 28 и 29 изложить в следующей редакции:

«28. Научный руководитель или научный консультант должен быть специалистом, имеющим ученую степень доктора наук или доктора хабилитат в области диссертационного исследования. В порядке исключения специалист, имеющий ученую степень кандидата наук или доктора философии (PhD)-доктора по специальности, также может быть научным руководителем соискателя учёной степени кандидата наук или

доктора философии (PhD)-доктора по специальности, если в соответствующей области науки имеет не менее 5 лет научного, научно-педагогического или научно-технического стажа.

29. Научный руководитель или научный консультант не может представлять на защиту более 5 соискателей ученой степени в течении одного года.»;

9) пункт 30 после слова «разных» дополнить словами «по одной из специальностей» и слова «, и наличия у соискателя в рецензируемых журналах научной статьи в соавторстве с обоими научными руководителями (консультантами)» и второе предложение исключить;

10) первый и второй абзацы пункта 35 изложить в следующей редакции:

«- на соискание учёной степени кандидата наук и доктора философии (PhD)- доктора по специальности в области общественно-гуманитарных наук - 3 статьи (2 статьи в отдельности), и не менее 2 докладов на республиканских, региональных и (или) международных научных конференциях, в области естественных, математических, медицинских, сельскохозяйственных и технических наук - 2 статьи и не менее 2 докладов на республиканских, региональных и (или) международных научных конференциях;

- на соискание ученой степени доктора наук и доктора хабилитат - в области общественно-гуманитарных наук - 15 статей (не менее 5 статей в отдельности) и не менее 5 докладов на научных республиканских, региональных и (или) международных конференциях; в области естественных, математических, медицинских, сельскохозяйственных и технических наук – 10 статей и не менее 5 докладов на научных, республиканских, региональных и (или) международных конференциях.»;

11) пункты 37 и 38 изложить в следующих редакции:

«37. Проверка диссертации в Комиссии осуществляется в соответствии с Инструкцией по проверке оригинальности текста диссертации по компьютерной программе «Антиплагиат». Оригинальность диссертации по данной программе должна быть не менее 75 процентов (по естественно-математическим и техническим наукам - не менее 70 процентов), и автореферат диссертации не менее 80 процентов (по естественно-математическим и техническим наукам - не менее 75 процентов). Диссертации, не соответствующие вышеуказанным требованиям, на основе заключения независимого эксперта будут возвращены на повторную защиту. Их повторная защита разрешается только через 1 год после подписания распоряжения.

38. Экспертиза диссертации проводится на заседании структурных подразделений учреждений (кафедра, отдел, сектор, лаборатория) высшего профессионального образования, послевузовского профессионального образования, научно-исследовательских учреждений, где непосредственно была подготовлена диссертация с участием специалистов учреждений, где функционирует Совет.»;

12) из пункта 39 исключить слова «первой стадии» и «и устранение выявленных недостатков»;

13) пункт 40 дополнить третьим абзацем следующего содержания:

«- документа, подтверждающего результат кандидатских экзаменов.»;

14) в пятом абзаце пункта 41 слова «экспертизу следующей стадии» заменить словами «на защиту»;

15) пункт 44 изложить в следующей редакции:

«44. В случае отрицательной оценки диссертации соискателю выдается копия протокола и заключения заседания структурного подразделения Учреждения о выявленных недостатках с замечаниями и определяется срок доработки диссертационного исследования и его повторной подачи на экспертизу.»;

16) пункты 45, 46, 47, 48, 49 и 50 исключить;

17) пункт 51 изложить в следующей редакции:

«51. В заключении заседания, принятом большинством его участников, должны быть учтены все аспекты пункта 42 настоящего Порядка. Заключение заседания оформляется в установленном порядке от имени Учреждения за подписью председательствующего и секретаря заседания, утверждается ректором (директором) или его заместителем по науке подписью, заверяется печатью и датой.»;

18) пункт 52 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Заключение Учреждения действительно сроком до 2 лет.»;

19) пункт 55 изложить в следующей редакции:

«55. В случае проведения защиты диссертации на языке, которым не владеют члены Совета или официальные оппоненты, Учреждение обязано обеспечить синхронный перевод заседания Совета по защите диссертации.»;

20) в пункте 60 цифры «15» и «25» заменить соответственно цифрами «25» и «30»;

21) первое предложение пункта 69 изложить в следующей редакции:

«Специальность официальных оппонентов должна быт близка специальности защищаемой диссертации, либо они должны иметь не менее 3 статей по данной специальности в рецензируемых журналах.» и второе предложение после слова «хабилитат» дополнить словами «(за исключением редких специальностей)».;

22) пункт 70 дополнить четвертым абзацем следующего содержания:

«- член комиссии первичной экспертизы диссертации в Совете;»;

23) пункт 74 слова «отрасли науки» дополнить словами «иметь не менее 10 научных публикаций за последние 5 лет, в том числе 5 рецензируемых статей.»;

24) в пункте 91 слова «удаленном on-line» и «удаленном интерактивном on-line» заменить словом «онлайн»;

25) пункт 92 изложить в следующей редакции:

«92. При защите диссертации на соискание ученой степени кандидат наук или доктора философии (PhD) - доктора по специальности на заседании Совета обязательно участие 3 специалистов по научной

специальности диссертации и выступление в дискуссии по обсуждению результатов диссертации не менее 2-х из них, а при защите диссертации на соискание ученой степени доктора наук или доктора хабилитат на заседании Совета обязательно участие 5 специалистов по научной специальности диссертации и выступление в дискуссии по обсуждению результатов диссертации не менее 2-х из них»;

26) пункт 93 после слова «тайным» дополнить словами «(члены совета, участвующие в онлайн - голосовании голосуют посредством открытого голосования)».;

27) в пункте 101 цифру и слово «1 года» заменить цифрой и словом «6 месяцев».;

28) пункт 106 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«В необходимых случаях прилагается список опечаток в диссертации и автореферате.»;

29) пункт 108 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Повторная защита диссертации допускается через 3 месяца».;

30) в пункте 117 цифру и слово «1 года» заменить цифрой и словом «6 месяцев» и четвертое предложение дополнить следующим содержанием:

«Повторная защита диссертации соискателя, отклонённая трижды подряд по причине научной несостоятельности, по данной теме не допускается».;

3. Внести в Порядок присвоения ученых званий, утвержденный постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267 «О Положении о диссертационном совете, Порядке присуждения ученых степеней, Порядке присвоения ученых званий и Порядке государственной регистрации защищённых диссертаций» следующие изменения и дополнения:

1) в пункте 9 слова «директора или заместителя директора среднего профессионального образования,» исключить;

2) в пункте 10:

- первый абзац изложить в следующей редакции:

«- имеющий не менее 3 лет научно-педагогического стажа после защиты кандидатской диссертации, в том числе непрерывный стаж работы не менее 1 года на должностях, предусмотренных пунктом 9 настоящего Порядка в запрашиваемой специальности области науки.»;

- третий абзац после слова «опубликовано» дополнить словами «по научному направлению, указанному в аттестационном деле.»;

- четвертый абзац после слова «методика» дополнить словами «каждой не менее 2,5 авторских листов» и исключить слова «с учетом опубликованной научной монографии»;

3) пункт 13 изложить в следующей редакции:

«13. Ученое звание профессора присваивается сотрудникам, работающим в учреждениях на должностях президента, вице-президента академии наук (национальной, региональной), главного научного секретаря, ректора или проректора высшего профессионального учебного заведения, директора или заместителя директора научного учреждения, директора или заместителя директора филиала учреждения (научного или учебно-научного института), ректора (начальник) или заместителя ректора (заместитель руководителя) института, декана факультета, заведующего кафедрой, заведующего научно-исследовательским или опытно-конструкторским отделом (сектором, лабораторией), ученого секретаря учреждения, профессора, научного сотрудника или приравненных к ним должностях, предусмотренных в перечне должностей военных и правоохранительных органов, если соискатель, помимо соответствия требованиям абзаца первого пункта 8 настоящего Порядка, также является обладателем степени доктора наук или доктора хабилитат или аналогичных научных степеней, полученных за границей, которые Комиссией были признаны эквивалентными.»;

4) в пункте 14:

- первый абзац изложить в следующей редакции:

«- после защиты диссертации на соискание учёной степени доктора наук или доктора хабилитат, имеющего не менее 3 лет научно-педагогического стажа, в том числе не менее 2 лет в заявленной научной специальности.»;

- второй абзац дополнить следующего содержания:

«- имеющий непрерывный стаж работы сроком не менее 3 лет на должностях, предусмотренных пунктом 13 настоящего Порядка.»;

- четвертый абзац после слова «опубликованных» дополнить словами «по научному направлению, указанному в аттестационном деле.»;

- пятый абзац изложить в следующей редакции:

«За последние 5 лет имеющий не менее 3 учебно-методических пособий (каждое из которых не менее 2,5 авторских листов и 1 пособие в отдельности), 5 научных статей, опубликованных в разные годы и 1 учебник по заявленной научной специальности.»;

5) в пункте 17 слова «среднего профессионального» исключить;

6) в пункте 20:

- в первом абзаце слова «заявленной научной специальности» заменить словами «заявленному научному направлению»;

- во втором абзаце слова «научной специальности» заменить словами «научному направлению»;

- пятый абзац изложить в следующей редакции:

«- наличие не менее 1 учебно-методического пособия и 1 рецензируемой статьи за последние 5 лет (с учетом комплекса творческих произведений, используемых в учебном процессе, таких как музыка и песни на ноты и другие произведения различных жанров профессиональной музыки, текст невоспетых спектаклей, фотоальбомы картин, искусство росписи, декоративно-прикладного искусства, рукоделия, резьбы, штукатурки, железа и меди, приемы выполнения национальных спортивных

игр и других видов художественно-спортивных работ) по заявленному научному направлению;»;

7) в пункте 23:

- в четвертом абзаце слова «заявленной научной специальности» заменить словами «заявленному научному направлению»;

- седьмой абзац изложить в следующей редакции:

«- представление произведений в виде нот и иных видов профессионального творчества или иных видов профессионального народного творчества;»;

8) второе предложение пункта 39 исключить.

Председатель Правительства Республики Таджикистан

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомали Рахмон

Приложение
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «26» июня 2023 года, №295

Приложение 9
к Положению о
диссертационном совете

**ПЕРЕЧЕНЬ**
**обязательной рассылки автореферата диссертации***

1. Исполнительный аппарат Президента Республики Таджикистан (город Душанбе, проспект Рудаки, 80)
2. Высшая аттестационная комиссия при Президенте Республики Таджикистан (город Душанбе, улица Шевченко, 39).
3. Министерство образования и науки Республики Таджикистан (город Душанбе, улица Нисор Мухаммад, 13 а)
4. Государственное учреждение «Национальная библиотека» Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан (город Душанбе, улица Техрон, 5)
5. Библиотека Национальной академии наук Таджикистана им. Индира Ганди (город Душанбе, проспект Рудаки, 33)
6. Библиотека Таджикского национального университета (город Душанбе, проспект Рудаки, 17)
7. Книжная палата Республики Таджикистан (город Душанбе, улица Неъмат Карабаева, 17)
8. Государственное учреждение «Национальный патентно-информационный центр» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан (город Душанбе, улица Айни, 14 а)
9. Республиканская научно-медицинская библиотека (город Душанбе, улица Шевченко, 41)
10. Академия образования Таджикистана (город Душанбе, улица Айни, 45)
11. Президиум Таджикской академии сельскохозяйственных наук (город Душанбе, проспект Рудаки, 21 а)

---

*Примечание: В библиотеки, указанные в пунктах 9, 10 и 11, направляется согласно профилю диссертации.